Ҳангоми ташкили кори маҳфилӣ мо пеш аз ҳама барнома ва нақшаи машғулиятҳоро (дар як моҳ се маротиба гузаронида мешавад) тартиб додем. Айни замон ба инобат гирифтани донишҳои хонандагон ҳангоми омӯзиши табиатшиносӣ, физика ва фаннҳои дигар зарур мебошад.

Масалан, тайёрии математикии хонандагон имкон медиҳад, ки корҳо бо графикҳо иҷро карда шуда, масъалаҳои миқдорӣ бо истифода аз таносуб ва фоизҳо ҳал карда шаванд. Меъёри кори дилхоҳ – натиҷаи он мебошад. Таҷрибаи кор дар маҳфил оид ба саволҳои байнифаннии химия ва математика, донишҳои онҳо аз ин фанҳо мустаҳкам ва бошуурона мешавад, малакаҳои амалӣ гуногуншакл ва мукаммал мегарданд.

Бо мақсади санҷиши гипотеза аз тарафи мо озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Ба сифати макони (базаи) таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумї № 7,10,12-и шаҳри Душанбе, № 3,9,12-и ноҳияи Мӯминободи вилояти Хатлон интихоб карда шуда, он ба кори худ 300 нафар хонанда ва 12 нафар омӯзгорони ин мактабҳоро ҷалб намуд.

Барои мушоҳидаи дутарафа мо чортогӣ гурӯҳи хонандагони синфҳои 8-9-ро интихоб намудем. Мувофиқи нишондодҳои ибтидоӣ саводнокии хонандагон аз химия дар ин синфҳо тақрибан якхел буд, ки ин имконияти таъсирро ба натиҷаи озмоиш аз байн мебарад. Дар марҳилаи якуми таҳқиқот озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуд, ки мақсади асосии он муайян намудани сифати азхудкунии донишҳои химиявӣ аз тарафи хонандагон буд. Озмоиши муқарраркунанда дар нимсолаи якуми соли хониши 2012-2013 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумї шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон гузаронида шуд. Бо ин мақсад фаъолияти омӯзгорон оид ба амалигардонии робитаҳои мафҳумҳои математикӣ дар хонандагон зери мушоҳида гирифта шуд.

Дар **марҳилаи дуюм** барномаи математика ва химия таҳқиқ карда шуда, инчунин барномаи омӯзиши курси химия аз мавқеи консепсияи таҳсилоти табиӣ-риёзӣ дар мувофиқат бо омӯзиши муодила ва нобаробариҳо курсҳои алгебра ва химияи синфҳои 8-9 кор карда баромада шуд. Сохтор ва мундариҷаи фаъолияти омӯзгор ва хонандагон оид ба амалигардонии робитаҳои байнифаннии математика бо химия ҳангоми ташаккули донишҳои химиявӣ тартиб дода шуд. Тайёрии математикӣ ва методии омӯзгорон оид ба истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми омӯзиши химия дар синфҳои 8-9 гузаронида шуд. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони химия кор карда баромада шуданд, ки онҳо имкониятҳои истифодаи муодила ва нобаробариҳоро дар шароити таълими озмоишӣ кушода медиҳанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон озмоиши санҷишӣ гузаронида шуд.

Марҳилаи сеюм. Ба марҳилаи сеюм пешбинӣ намудани озмоишиҳои таълимдиҳанда ва ҳам назоратӣ нисбат ба санҷиши самаранокии тарзҳои пешниҳодшуда, метод ва воситаҳои истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8-9 ҳамчун асоси амалигардонии робитаҳои байнифаннии математика ва химия дар шароитҳои озмоиши таълимдиҳандаи гузаронида шудааст. Айни замон критерияҳои самаранокии методикаи мукаммали пешниҳодшуда ба инобат гирифта шудааст.

Коркарди омории нишондодҳои озмоишӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда мувофиқи методикаҳои мавҷуда ба танзим дароварда шудаанд.

Қисми муҳими омӯхташавандаи фанни химия- “Ҳодисаҳои химиявӣ ва физикӣ” мебошад. Ба хонандагон лозим буд, ки тавофути байни ҳодисаҳои химиявӣ ва физикиро таҳлил намуда, аниқ кунанд, ки кадом ҳодисаҳои муҳити атроф ба ҳодисаҳои химия мансуб мебошанд.

Натиҷаҳои назорати донишҳо аз мавзӯи “Ҳодисаҳои химиявӣ ва физикӣ” чунинанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Натиҷаҳои назорати гузаронидашудаи 1 аз рӯи мавзӯи “Ҳодисаҳои химиявӣ ва физикавӣ. Реаксияҳои химиявӣ”.

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (к)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)
% - и азхудкунӣ	85,2	66,6	75	64	77	65,4	72	65,2	69,2	66,6	75,7	72,7
% сифат	48,5	37,5	39,3	36	42,3	27	36	34,8	34,6	29,1	37,5	31,8

о-озмоишӣ, н- назоратӣ

Натиҷаи ғайриқаноатбахш дар синфи озмоишӣ бо он маънидод карда мешавад, ки муодила ва нобаробариҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявӣ ҳамчун воситаи амалигардонии робитаи байнифаннӣ бори нахуст истифода

бурда шуданд, ки ин ҳангоми омӯзиши амалии мавзӯъ баъзе душвориҳоро ба миён овард. Ҳамин ҳолатро ҳангоми иҷрои бевоситаи машғулиятҳои амалӣ ҳангоми гузаронидани ҳисобкуниҳо ҳангоми ёфтани ҳиссаҳои массагии компонентҳои (қисмҳои таркибии) омехта низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳангоми амалигардонии минбаъдаи самаранокии методикаи пешниҳодкардашудаи истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни омӯзиши химия хонандагон ба иҷрои онҳо ҷиддӣ ва бомасъулияттар муносибат карданд. Аз рӯи натиҷаи назорати донишҳо динамикаи мусбатро мушоҳида намудан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои ҳам хониши хуб ва ҳам сифати донишҳо беҳтар гардиданд, ки ин аз дараҷаи хуби азхудкунии донишҳо дарак медиҳад. Методи пешниҳод кардашавандаи истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар хонандагон тафаккури абстрактӣ, визуализатсияи ҷараён, таҳлили ҳодисаҳои ба амалоянда, тартибдиҳии хронологияи ҳодисаҳоро ташаккул дода, ба тартибдиҳии характеристикаҳои муқоисавии ҷараёнҳои ба амалоянда мусоидат менамояд, дар бораи хусусиятҳои ҳодисаҳои химиявӣ ва тавофути принсипиалии онҳо аз ҳодисаҳои физикӣ ташаккул меёбад. Хонандагон малакаи маънидодкунии ҳодисаҳои рӯйдиҳандаро аз нуқтаи назари химизатсия ба даст меоваранд.

Ҳангоми омӯзиши фасли (қисми) “Маҳлулҳо ва консентратсияи моддаҳо дар маҳлул” хонандагон бояд донанд, ки бисёр реаксияҳои химиявӣ дар маҳлулҳо ба амал меоянд. Маҳлулҳо – ин омехтаи гомогении бисёркомпонентаи таркибашон тағйирёбанда мебошанд. Хонандагон бояд вобастагии ҳалшавандагии моддаҳои сахтро аз ҳарорат таҳлил намуда, классификатсияи моеъҳоро аз рӯи аломати ҳалшавандагӣ тартиб диҳанд.

Натиҷаи назорати донишҳо аз рӯи мавзӯи “Ҳодисаҳои химиявӣ ва физикавӣ” чунинанд (ҷадвали 2):

Ҷадвали 2. Натиҷаи назорати гузаронидашудаи 2 аз рӯи мавзӯи “Маҳлулҳо ва консентратсияи (зиччии, ғуншавии) моддаҳо дар маҳлул”

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)
% - и азхудкунӣ	96,2	75	85,7	76	92,3	77	92	78,2	88,5	79,2	83,3	77,3
% сифат	55,5	41,6	50	44	50	42,3	48	43,5	50	45,8	45,8	40,8

о-озмоишӣ, н- назоратӣ

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи додашуда хонандагони синфҳои озмоишӣ дониш ва маҳоратҳои зеринро аз худ намуданд: ҳиссаи массавии модда дар маҳлул – ёфтан; ёфтани массаи моддаи ҳалшуда; ёфтани массаи маҳлул; ёфтани массаи обкунанда (ҳалкунанда); маҳорати ҳалли масъалаҳо оид ба омехтакунии маҳлулҳо; масъалаҳо оид ба суюққунии маҳулҳо; ҳалли

масъалаҳо оид ба консентратсияи молярии маҳлулҳо; масъалаҳо оид ба гузариш аз консентратсияи фоизӣ ба молярӣ ва баръакс; масъалаҳо оид ба крисаллогидрадҳо; ҳисобкунӣ бо истифодаи мафҳуми ҳалшавандагии моддаҳо; ҳисобкунӣ дар ҳолдати таъсири мутақобилаи моддаи ҳалшаванда бо об.

Яке аз мавзӯъҳои мураккаби барномаи синфи 8 –ин реаксияҳои оксиду –

Синф / Дараҷаи азхуд кунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)
% - и азхудкунї	92,6	71	78,6	72	84,6	73	84	73,9	81	71	83,3	77,3
% сифат	51,8	45,8	50	40	46,2	42,3	48	43,5	46,2	41,6	45,8	40,8

барқароршавї мебошад. Ҳангоми омӯзиши мавзӯи додашуда хонандангон бояд дониш ва маҳоратҳои зеринро ба даст оваранд: характеристикаи РОБ, дараҷаи оксидшавї ва муайянкунии он, ион ва муайянкунии заряди ҳиссача, тартибдиҳи баланси электронӣ ва ҳаракати электронҳо. Барои аксари талабагон тасвири РОБ ва тартибдиҳии баланси электронӣ мураккаб мебошад. Истифодаи муодила ва нобаробариҳо имкон медиҳад, ки масъалаи аҳамияти ҷараёни оксидшавии ва барқароркуни дар муҳити атроф, организмҳои биологӣ, ҷараёнҳои химиявӣ ва ғайра дида баромада шавад. Натиҷаҳои таълими мавзӯи “Гидроген. Реаксияҳои оксидшавӣ – барқароркунӣ” (расми 5 ҷадвали 3)

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои азхудкунии хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявӣ аз рӯи мавзӯи“Реаксияҳои оксиду–барқароркунӣ”

о-озмоишӣ, н- назоратӣ

Мақсади ҳалли масъалаҳои химиявии душвор ин мустаҳкамкунии донишҳои назариявӣ дар бораи сохт, хосиятҳо, методҳои ҳосилкунии моддаҳои гуногун омӯзонидани татбиқи онҳо дар ҳолати нав: инкишофи таффакури мантиқӣ, маҳорати барқарор нашудани робитаи сабабӣ – натиҷавӣ, инкишофи малакаҳои ҳисобкунӣ мебошад.

Зарурияти гузаронидани чунин мавзӯъ бо он маънидод карда мешавад, ки аксари хонандагон таҳлили мантиқии элементҳои масъала ва алгоритмҳои стандартии ҳалли онҳоро аз худ карда наметавонанд. Мавҷуд набудани тамоюл ба мантиқ ҷараёни ҳалли масъалаҳоро ба кори дилгиркунандаи дар хотир нигоҳдорӣ ҳидояткунанда табдил медиҳад, ба фаҳмидагирӣ. Ҳар як мавзӯъ бояд аз шиносоӣ мантиқи ҳалли масъалаҳои дар он дида баромадашаванда оғоз ёбад. Ҳама чиз дар мисолҳои якчанд масъалаҳои дараҷаи мураккабиашон гуногун дида баромада мешавад. Ҳар як мавзӯъ бо ҳалли назоратии масъалаҳо ба итмом мерасад. Ҳал аз рӯи ҳар як мавзӯъ тадриҷан баландшавии дараҷаи мураккабиро пешбинӣ мекунад: аз

шинос ба нав, аз содда ба мураккаб.

Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои азхудкунии хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявии дараҷаи мураккабиашон баланд.

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)
% - и азхудкунӣ	**89**	**70,8**	**78,6**	**72**	**80,8**	**73**	**76**	**60,8**	**61,5**	**54,2**	**66,7**	**54,54**
% сифат	**51,8**	**29,1**	**46,4**	**32,**	**42,3**	**30,1**	**36**	**26,1**	**30,8**	**29,1**	**33,3**	**27,2**

о-озмоишӣ, н- назоратӣ

Истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявии дараҷаи мураккабиашон баланд ҳамчун воситаи амалигардонии робитаҳои байнифаннии химия ва математика дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро баланд мебардорад, ки ин ба баландшавии салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунад. Айни замон хонандагон бояд дониш ва маҳоратҳои зеринро аз худ кунанд: аз рӯи формулаҳо ва муодилаҳои химиявӣ гузаронида тавонистани ҳисобкуниҳо; ҳисобкунии миқдори маҳсулоти реаксия, ҳангоми дода шудани ду моддаи ибтидоӣ, ки яктои он барзиёд дода шудааст; ҳисобкунии миқдори маҳсулоти реаксия, агар моддаҳои ибтидоӣ омехтаҳо (ғаш) дошта бошанд ё дар намуди маҳлулҳои консентратсияашон гуногун; ҳисобкунии маҳлулҳо бо назардошти зиччии маҳлулҳо ва мавҷудияти оби булӯршаванда; ҳалли масъалаҳо дар шароитҳои аз шароитҳои нормалӣ фарқкунанда; ёфтани ҳиссаи массавии элементҳо; гузаронидани ҳисобкуниҳо бо истифодаи мафҳумҳои кинетикаи химиявӣ; ҳал кардани масъалаҳо бо истифодаи системаи муодилаҳо; ҳал кардани масъалаҳои дараҷаи мураккабиашон баланд.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки истифодаи муодилаҳо ва нобаробариҳо дар дарсҳои химия ба босифат азхудкунии донишҳо, ташаккули салоҳиятнокии базавӣ мусоидат намуда, саводнокии табиӣ ва фаъолнокии фаҳмидагирии хонандагонро ба воситаи худомӯзӣ ва мустақилона ба даст овардани донишҳо баланд мекунад (ҷадвали 5, расми 2).

Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои аттестатсияи интиҳоии хонандагон аз фанни "Химия" синфи 8.

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)	8А (о)	8Б (н)
% - азхудкунӣ	93,2	77,4	91,6	75,4	95,1	76,3	86,2	79,4	89,1	78,6	87,3	79,3

% сифат	62,1	48,7	69,4	43,3	57,1	43	57,2	39,5	53,5	37,7	50,7	45,2

о-озмоишӣ, н- назоратӣ



Расми 2. Нишондиҳандаҳои аттестатсияи интиҳоии хонандагон аз фанни "Химия" синфи 8.

Чи хеле, ки аз мониторинги пешниҳод кардашуда дида мешавад, дараҷаи ташаккулияти босаводии (саводнокии) илмӣ дар синфҳои озмоишӣ назар ба синфҳои назоратӣ баландтар мебошад.

Дараҷаи баландтарини нишондиҳандаҳо ба мактабҳои таҳсилоти умумии № 7,10,12 ш. Душанбе мансуб мебошад ва мо инро бо пуррагии синфҳо, тайёрии касбии омӯзгорон алоқаманд мекунем. Омӯзгорон имконият доштанд, ки ба хонандагон миқдори зиёди вақтро ҷудо кунанд, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои назоратӣ ба онҳо кӯмак расонанд. Хонандагони синфҳои озмоишӣ ҳангоми омӯзиши фан майлу рағбат, ташаббус ва эҷодкорӣ зоҳир намуданд. Дар робита бо ин ҷараёни таълим дар ин синфҳо самараноктар буд.

Дар тӯли соли хониши гузашта фанни "Химия" аз тарафи ин хонандагон дар лоиҳаи пилотӣ бо истифода аз системаи муодилаҳои хаттӣ ва квадратӣ барои ҳалли масъалаҳои химиявии дараҷаи мураккабияшон баланд омӯхта шудааст. Дар марҳилаи ибтидоии таълим дар синфи 9 бо мақсади муайян намудани сифати донишҳо (ҷадвали 6) назорати дохилшавӣ гузаронида шуда буд (љадвали 6, расми 3)

Ҷадвали 6. Натиҷаҳои назорати дохилшавӣ (воридшавӣ) аз химия дар синфҳои 9

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (27-24)		ММТУ №10 (28-25)		ММТУ №12 (26-26)		ММТУ №3 (25-23)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)
% - азхудкунӣ	91,5	73,1	90,4	70,1	93,6	71,3	84,7	74,6	87,1	72,4	85,5	73,5
% сифат	60,1	41,5	66,6	39,8	55,2	38,7	50,1	35,3	51,5	33,7	50,3	41,5

о-озмоишӣ, н- назоратӣ



Расми 3. Натиҷаҳои назорати дохилшавии хонандагони синфи 9 аз фанни химия.

Ҳамин тариқ, дидан мумкин аст, ки нигоҳдории донишҳо дар синфҳои озмоишӣ новобаста аз вақти таътил ва тағйиротҳо дар ҳайати шахсии синфҳо дар дараҷаи баланд ҷой дорад, аммо инро дар бораи синфҳои назоратӣ гуфтан ғайриимкон аст дар ин синфҳо тағйиротҳо тамоюли пастшавӣ доранд.

4,7%-и хонандагон фанро аъло медонанд, бо символҳои химиявӣ хуб амалиёт мегузаронанд, формулаҳо, реаксияҳои химиявӣ ва истилоҳҳоро хуб медонанд;

37.3%-и хонандагон маводро бо баҳои “хуб” медонанд, онҳо аз истилоҳҳо, қонунҳо, мафҳум ва таърифҳо хуб истифода бурда метавонанд, аммо дар онҳо маҳорат ва малакаҳои химиявӣ дар ҳаҷми пурра ташаккул наёфтаанд;

33,9%-и хонандагон маводи пурраи гузаштаи мактабиро ба таври бояду шояд аз худ накардаанд ва онҳо ҳангоми иҷрои супоришҳо мӯҳтоҷи кӯмаки омӯзгорон ва истифодаи адабиёти таълимӣ мебошанд;

24% - и хонандагон аз ӯҳдаи ҳалли мустақилонаи супоришҳои пешниҳод кардашуда намебароянд.

Ҳангоми омӯзиши фасли химияи синфи – аз тарафи омӯзгорон аз намудҳои мухталифи муодила ва нобаробариҳо ҳамчун воситаи амалигардонии робитаи байнифаннӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявии душвор истифода бурда шудааст.

Пас аз ба итмом расидани омӯзиши мавзӯъҳои фасли додашуда дар шакли тестиронӣ ва корҳои назоратӣ санҷиши донишҳо аз рӯи мавзӯъҳои зерин гузаронида шуд: “Реаксияҳо дар маҳлулҳо ва электролитҳо”, “Оҳан ва пайвастагиҳои онҳо. Хӯлаҳо ва аҳамияти онҳо”, “Кислотаи карбонат ва намакҳои он”, “Химияи металлҳо”.

Санҷиши гузаронидашудаи донишҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ фоизи азхудкунии мавод назар ба гурӯҳи назоратӣ, ки дар он мавод дар шакли анъанавӣ бе амалигардонии робитаи байнифаннии химия ва математика омӯхта шудааст, баландтар мебошад.

Пас аз ба итмом расидани омӯзиши тамоми фасл кори интиҳоии назоратӣ гузаронида шудааст, ки аз рӯи натиҷаҳои он дар бораи дараҷаи

азхудкунии донишҳо, ба даст овардани маҳорат ва малакаҳо сухан рондан мумкин аст.

Ҷадвали 7. Натиҷаи аттестатсияи интиҳоии хонандагони синфҳои 9.

Синф / дараҷаи азхудкунӣ	ш. Душанбе						н. Муъминободи вилояти Хатлон					
	ММТУ №7 (25-24)		ММТУ №10 (28-24)		ММТУ №12 (26-27)		ММТУ №3 (24-24)		ММТУ №9 (26-24)		ММТУ №3 (24-22)	
	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)	9А (о)	9Б (н)
% - азхудкунӣ	93,2	77,4	93,2	75,4	57,1	43,1	86,2	79,4	89,1	78,6	87,3	79,3
% сифат	62,1	46,7	62,1	43,3	86,2	79,4	51,2	39,5	53,3	37,7	50,7	45,2



Расми 4 Диаграммаи муқоисавии аттестатсияи интиҳоӣ хонандагони синфҳои 9 .

Санҷиши гузаронидашуда нишон дод, ки дар синфҳои озмоишӣ азхудкунии донишҳо ҳангоми амалигардонии робитаҳои байнифаннии химия ва математика дорои натиҷаи санҷиши интиҳоӣ нишон дод, ки азхудкунӣ ва сифати донишҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ назар ба гурӯҳҳои назоратӣ баландтар мебошад.

Омӯзгорони фанҳои сикли табии илмӣ низ аз тарафи хонандагони синфҳои озмоишӣ беҳтар дарк кардани маводро қайд намуданд, онҳо масъалаҳоро мустақилона ҳал мекунанд, майлу рағбат ва фаъолнокии баланди фаҳмидагирӣ зоҳир мекунанд (љадвали 7, расми 4).

Ҳамин тариқ, мувофиқи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот аз тарафи мо масъалаи гузаронидани таълими озмоишӣ бо роҳи дохил намудани кейс – технологияҳо ба ҷараёни таълим ҳал карда шуда, баҳодиҳии (арзёбии) самаранокии фаъолияти хонандагон гузаронида шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва тавовутҳои додашудаи байни ду синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ шартҳои методии амалигардонии модел ба воситаи амалигардонии робитаҳои байнифаннии химия ва математика

ҳамчун воситаи ба ташаккули салоҳиятноки фанҳо, саводнокии тобиши илмӣ ва қобилиятӣ татбиқи донишҳои андӯхташуда дар ҳолатҳои воқеии ҳаёти мусоидаткунанда ҷудо карда шудааст.

Барои аниқ намудани қобилиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8-9 аз муодила ва нобаробариҳо аз тестҳои мувофиқ (дар се дараҷа) истифода бурда шудааст:

1. Дараҷаи пасти мураккабӣ (душворӣ).
2. Дараҷаи миёнаи мураккабӣ.
3. Дараҷаи баланди мураккабӣ.

Системаи супоришҳо масъалаҳои гуногуншакли химиявӣ ва машқҳоро бо мазмуни математикӣ дар бар мегиранд.

Яке аз элементҳои муҳими озмоиши педагогӣ бо критерияи самаранокии методикаи пешниҳод кардашаванда муайян карда шудааст.

Барои муайян намудани самаранокии истифодаи муодила ва нобаробириҳо дар ҷараёни таълими химия мо критерияҳои зеринро интихоб намудем:

1. Пуррагии аз тарафи хонандагон аз худ кардашудани донишҳои химиявӣ.
2. Фоизҳои азхудкунӣ аз химия дар синфҳои 8-9.
3. Маҳорати таҳлилкунӣ (қобилияти фаҳмидагирӣ).
4. Сифати донишҳо аз химия дар истифодаи муодила ва нобаробариҳо.

Мо аз қоидаи зерини баҳогузорӣ истифода намудем:

баҳои “5” барои 100% - 90% дуруст ҳал намудан;

баҳои “4” барои 90%-75% -и ҳалли дуруст;

баҳои “3” барои 75%-70% -и ҳалли дуруст;

баҳои “2” барои 70%-50% ҳалли дуруст.

Аз рӯи критерияи муайянкунии фоизи азхудкунии донишҳо мо онҳоро дохил намудем, ки баҳои мусбат гирифтаанд, барои сифати аз худкунии донишҳо мо онҳоеро интихоб намудем, ки сазовори баҳоҳои “5” ва “4” шудаанд.

Азхудкунии фоизӣ: синфи 8

$$W_{эк} = \frac{34+56+56}{156} * 100\% = 93,59\% \quad V_{эк} = \frac{34+56}{156} * 100\% = 57,7\%$$

$$W_{КН} = \frac{20+38+48}{142} * 100\% = 74,64\% \quad V_{к} = \frac{20+38}{142} * 100\% = 39,25\%$$

9 класс

$$W_{эк} = \frac{38+50+49}{146} * 100\% = 93,83\% \quad V_{эк} = \frac{36+52}{146} * 100\% = 60,27\%$$

$$W_{К} = \frac{24+40+44}{144} * 100\% = 75,00\% \quad V_{к} = \frac{24+40}{144} * 100\% = 44,42\%$$

Чӣ хеле, ки аз ҳисобкуниҳо дида мешавад, хонандагони синфҳои озмоишӣ аз рӯи азхудкунӣ ба сифати азхудкунии донишҳои химиявӣ назар ба хонандагони синфҳои назоратӣ беҳтар мебошанд. Иттилоот аз самаранокии татбиқи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявӣ ҳангоми таълими фаннҳои табиӣ – риёзӣ шаҳодат медиҳанд. Ин дар ҷадвали 8 инъикоси худро ёфтааст.

Ҷадвали 8.

Синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ	Баҳо				Миқдори хонандагон	% W азхудкунӣ	% V миқдори азхудкунӣ
	5	4	3	2			
Синфи 8-и озмоишӣ	34	56	56	10	156	93,59	57,7
Синфи 8-и назоратӣ	20	38	48	36	142	74,54	39,25
Синфи 9-и озмоишӣ	38	50	49	9	146	93,83	60,27
Синфи 9-и назоратӣ	22	42	44	36	144	75,00	44,44

Аз натиҷаҳои ба даст овардашуда аниқ карда шуд, ки шумораи хонандагони супоришро бо баҳои “5” ва “4” иҷро карда баланд аст, яъне сифати иҷрои ҳалли масъалаҳо дар онҳо баланд шуда, ҳалли миасъалаҳо аз трафи онҳо муносибати дурустро дар бар мегирад, ки ин аз тафаккури мантиқии хонандагон шаҳодат медиҳад.

Аз рӯи натиҷаи нишондодҳои ба даст овардашуда қайд намудан мумкин аст, ки барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда, мувофиқи супоришҳо хонандагони синфҳои озмоишӣ 15-25 дақиқа бештар вақт сарф кардаанд. Ҳамин тариқ, ин ҳодиса аз он сабаб ба вуқӯъ омад, ки хонандагон синфҳои озмоишӣ пешакӣ ба иҷрои чунин супоришҳо, ки дорои дараҷаи мураккабияшон миёна ва баланд мебошад, тайёр карда шуда буданд. Гарчанде, ки ҳам инашон ва ҳам дигарашон як хел ба хатогиҳо роҳ дода бошанд ҳам, дар синфҳои озмоишӣ назар ба синфҳои назоратӣ холҳои нодуруст камтар буданд. Ин на фақат ба хонандагони хубу аълохон, инчунин ба хонандагони сустхон ҳам дахл дорад.

Барои исботи самаранокии кори таҷрибавӣ-озмоишии иҷронамудаи худ аз критерияи Колмогоров – Смирнова истифода хоҳем бурд.

Критерияҳо имкон медиҳанд, ки нуқтае ёфта шавад, ки дар он суммаи зуддиҳои ғункардашудаи тавофути байни ду ташкилотҳо калонтарин бошад ва ба дурустии ин тавофут баҳо дода шавад.

Гипотезаи нулии тавофути байни тақсимотҳо боварибахш намебошад.

Ҳангоми омӯзиши фаъолнокии эҷодии хонандагон барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ натиҷаҳо ба даст оварда шудаанд (ниг. ба ҷадв. 9.). Оё тавофутҳои байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ назаррасанд? Зуддии нисбии (S_O ва S_H) ба ҳосили тақсим аз зуддии коркард (Fo ва Fn) ба ҳаҷми коркард (n_o ва n_H) баробарро барои ду коркардҳо ҳисоб мекунем. Пас аз ин модули фарқи зиддиятҳои нисбиро барои коркардҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян мекунем. Дар натиҷа ҷадвалҳои ибтидоӣ барои синфҳои 8 ва 9 намуди зеринро мегиранд:

Ҷадвали 9 . Фаъолнокии эҷодии хонандагони синфи 8.

Дараҷаи азхудкунӣ (баҳоҳо)	Зуддии интихоб (выборка) ΣFo	Зуддии интихоб Σ_H	$So = \frac{\Sigma Fo}{no}$	$So = \frac{\Sigma Fo1}{nn}$	Модули фарқи зуддиҳо S_H - So
аъло “5”	34	20	0,218	57,7	0,078
хуб “4”	56	38	0,359	39,25	0,092
қаноатбахш “3”	56	48	0,327	60,27	0,011
ғайриқаноатбахш “2”	10	36	0,064	44,44	0,189
ҳаҷми коркард “n_o ва n_H”	156	142			

Ҷадвали 10. Фаъолнокии эҷодии хонандагони синфи 9

Дараҷаи азхудкунӣ (баҳоҳо)	Зуддии интихоб (выборка) ΣFo	Зуддии интихоб Σ_H	$So = \frac{\Sigma Fo}{no}$	$So = \frac{\Sigma Fo1}{nn}$	Модули фарқи зуддиҳо S_H – So
аъло “5”	38	22	0,260	0,150	0,110
хуб “4”	50	42	0,342	0,291	0,051
қаноатбахш “3”	49	44	0,335	0,305	0,030
ғайриқаноатбахш “2”	9	36	0,061	0,250	0,188
ҳаҷми коркард “n_o ва n_H”	146	144			

Дар байни модулҳои ба даст овардашудаи фарқҳо нисбат ба зуддиҳо модули калонтаринро мегирем, ки он бо *dmax* ишора карда мешавад. Дар ҳолати мо барои синфи 8 *dmax =0,189*, барои чинфи 9 *dmax =0,188* мебошад.

Қимати эмпиринии критерияи λ*эмп* бо ёрии формулаи

$$\lambda_{\text{эмп}} = d_{max} \cdot \sqrt{\frac{n_K * n_э}{n_K + n_э}}$$ муайян карда мешавад.

Барои мувофиқи критерияи дида баромадашаванда дар бораи монандии байни гурӯҳҳо хулоса баровардан, қимати озмоишии критерияро бо қимати критикии он, ки аз рӯи ҷадвали махсус муайян карда мешавад, муқоиса мекунем. Ба сифати гипотезаи нулӣ тасдиқотро дар бораи он, ки гурӯҳҳои муқоисашаванда аз ҳамдигар аз рӯи дараҷаи азхудкунӣ кам фарқ мекунанд, қабул мекунем. Айни замон гипотезаи нулиро дар ҳамон ҳолат қабқл кардан лозим аст, ки агар қимати мушоҳидашавандаи критерия аз қимати критикии он калон набошад.

$$\lambda(\max)_8 = 0{,}189 \cdot \sqrt{\frac{156 \cdot 142}{156 + 142}} = 1{,}63$$

$$\lambda(\max)_9 = 0{,}188 \cdot \sqrt{\frac{144 \cdot 146}{144 + 146}} = 1{,}60$$

Чунин мешуморем, ки аз рӯи ҷадвал қимати критикии критерияро муайян

мекунем; $\lambda_{кр}(0,05)=1,36$.

Ҳамин тариқ, $\lambda_{эмп}=1,36$ ва $1,60\succ 1,36=\lambda_{кр}$ мешавад. Пас, гипотезаи нулӣ инкор карда шуда, гурӯҳҳо аз рӯи аломати дидабаромадашаванда аз ҳам хеле фарқ мекунанд.

Муқоисаи иттилооти ба даст овардашуда дар асоси коркарди системавӣ азхудкунии нисбатан чуқур ва фаҳмидагирии донишҳои химиявӣ, малака ва маҳоратҳои хонандагонро дар баландбардории сифатҳои донишҳо ва инкишофи майлу рағбати идрокиро ба фанҳои табиӣ-риёзӣ умуман таъмин мекунад. Таълими омӯзишӣ ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳо аз рӯи ҳамаи критерияҳои самаранокӣ ба хулосаҳои якхелаи гипотезаи умумии таҳқиқотро тасдиққунанда оварда мерасонад. Озмоиши педагогӣ низ самаранокии методикаи коркарда баромадашударо истифодаи муодила ва нобаробариҳоро дар таълими химия дар синфҳои 8 ва 9-и мактабҳои миёна тасдиқ намуд.

Ба мақсадҳои дар кор гузошташуд ноил гашта, вазифаҳо пурра ҳал карда шуданд. Натиҷаҳои ҳосилшуда минбаъд дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

1. Дар натиҷаи таҳлили вазъиятҳои философӣ, умуми-илмӣ ба консепсияҳои дидактикӣ-методӣ мо асосҳои назариявии барпокунии системаи тайёрии методии омӯзгори химияро ба татбиқи робитаи байнифаннии химия ва математика, ки вазъи консептуалии таҳқиқот мебошад, ҷудо намудем.

2. Дар асоси омӯзиши ҳолати амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ дар ҷараёни омӯзиши химия ва математика имкониятҳои зерин қайд карда шудаанд:

- аз тарафи омӯзгорон чуқур омӯхта шудани мундариҷаи стандарти барнома оид ба ба фанҳои наздик, аз тарафи хонандагон амалӣ гардонидани робитаҳои байнифаннӣ дар таълими химия ва математика ва ҳангоми коркарди дарсҳо бо омӯзгор ба мувофиқат овардани мундариҷаи маводи таълимии фанҳои ба ҳам наздик;

- васеъ истифода бурдани мафҳумҳои дар дарс тавсия намудан фанни наздик ва ба хонандагон пешниҳод накардани такроран омӯхтани маводи таълими ба онҳо шинос аз ин фанҳо, аниқ намудан ва такмил додани донишҳои андӯхтаи хонандагон;

- қисми муҳими кори омӯзгор ин ҷустуҷӯи ҳамҷояшавии усулҳои гуногуни таълимие мебошад, ки онҳо синтези самаранокии донишҳои азхуднамудаи хонандагонро ҳангоми истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни таълими химия таъмин мекунанд;

- ҳангоми коркарда баромадани нақшаҳои мавзӯи (тематикӣ) ба омӯзгорони химия ва математика тавсия намудан ба инобат гирифтани умумигардониҳои имконпазири маводи таълимӣ оид ба масъалаҳои инъикоскунандаи робитаҳои байнифаннии математика ва химия.

3. Муносибатҳои истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми амалигардонии робитаҳои байнифаннии математика ва химия дар ҷараёни таълими химияи синфҳои 8-9 ҳамчун асоси амалигардонии робитаҳои байнифанниии математика ва химия дар мактаби миёна методологӣ асоснок карда шуд.

4. Самаранокии методикаи аз тарафи мо кор карда баромадашудаи истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни таълими химия, ки ба дараҷаи баланди азхудкунии мафҳумҳои химиявӣ ва маҳорати ҳалли масъалаҳои химиявӣ мусоидат мекунанд, нишон дода шуданд.

5. Ба ҷараёни таълим тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон кор карда баромада шуда дохил карда шуданд, ки онҳо ба амалигардонии робитаҳои байнифаннии математика ва химия ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявии дараҷаи муракабиашон баланд мусоидат мекунанд.

6. Бо мақсади ҳавасманд намудани фаъолияти фаҳмидагирии хонандагон самтҳои имконпазири робитаҳои байнифаннии математика ва химияро интихоб намуда, бештар аз муодила ва нобаробариҳо истифода бурда шудаанд, инчунин онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

а) муодила ва нобаробариҳо бо худ умумият ва аёнияти ифодаи вобастагиҳоро муттаҳид мекунанд, ки ин фаъолноккунии фаъолияти идрокии хонандагон имкон медиҳад;

б) истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар дарсҳои химия метавонад, якум, инкишофи ба осонӣ аз дарки конкретӣ ба тафаккури абстрактӣ гузаштан ва баръакс, дуюм, ҳавасмандкунии чуқур омӯхтани қонуниятҳои химиявиро таълим мекунанд;

в) истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои химиявӣ аз тарафи хонандагон дуруст фаҳмидани аксари қонуниятҳои химиявиро, ки дар асоси мазмуни масъала мехобанд ва фаъолияти таълимии хонандагонро оид ба ёфтани натиҷаҳои миқдорӣ бе ҳисобкуниҳои дуру дароз, таъмин мекунад;

г) муодила ва нобаробариҳо метавонанд, сарчашмаи иттилооти нав барои хонандагон ё супоришҳои нав (нишондодҳои миқдории амалии қонуниятҳо, муносибатҳо ва ғайра) шаванд;

д) таҳқиқи муодила ва нобаробариҳо дар дарсҳои химия ба инкишофи дониш ва маҳоратҳои математикӣ, инчунин конкретизатсияи онҳо мусоидат мекунад. Ба туфайли ин,дар хонандагон боварӣ ба амалият ва арзишҳои идрокии на фақат элементҳои ҷудогонаи дониш ва маҳоратҳо, балки тамоми системаи онҳо аз ҳудуди ҳам як фанни таълимӣ ва ҳам тамоми сикли табии илмӣ ташаккул меёбад;

е) ҳамҷоя бе ин, истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми таълими химия ва татбиқи математика ҳамчун методи омӯзиши ҳангоми таҳлили ҷараёнҳои химиявӣ ва қонуниятҳои химиявӣ, амиќгардонии мазмуни мафҳумҳои химиявӣ дар асоси интерпретатсияҳои математикӣ мусоидат мекунад.

7. Озмоиши педагогии гузаронидашуда гипотезаҳои пешниҳод кардашударо дар бораи он, ки истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни таълими химия дараҷаи баланди аз тарафи хонандагон азхудкунӣ ва дарки барномаи асосии мактабиро оид ба мафҳумҳои асосии химия ва ҳалли масъалаҳои химиявӣ таъмин мекунад, тасдиқ намуд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар корҳои зерини муаллиф инъикос шудааст.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардашуда:

1. **Махмадаминов М.** Амалигардонии робита бо математика ҳангоми омӯзиши химия дар синфҳои 8-9 ба воситаи ҳалли масъалаҳо бо мазмуни математикӣ. (Паёми ДДОТ).
2. **Махмадаминов М.** Таълими ҳалли масъалаҳо бо мазмуни математикӣ дар машғулиятҳои химия дар мактаби асосӣ бо истифодаи муодилаҳои диофантиӣ тартиби якум. (Паёми ДДОТ).
3. **Махмадаминов М.** Истифодаи муодила дар дарсҳои химияи синфҳои 8-9 ҳамчун воситаи амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ дар мактаб. (Паёми ДДОТ).
4. **Махмадаминов М.** Дар бораи ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо мазмуни математикӣ дар дарсҳои химияи синфҳои 8-9 ҳамчун воситаи амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ дар мактаб.
5. **Махмадаминов М.** Системаи масъалаҳои химиявӣ ва мақоми онҳо дар курси методикаи таълими химия дар мактаб.

Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:

6. **Махмадаминов М.** Ҳалли масъалаҳо бо мазмуни математикӣ дар машғулиятҳои химиявӣ дар мактаби асосӣ бо истифода аз муодилаҳои диофантии тартиби якум.
7. **Махмадаминов М.** Ҳалли масъалаҳо бо мазмуни математикӣ дар машғулиятҳои химиявӣ бо истифода аз муодилаҳои диофантӣ (Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии “Дурномаи инкишофи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи химия ва технологияи пайвандҳои гетеросиклӣ”).
8. **Махмадаминов М.**. Амалигардонии робита бо математика ҳангоми таълими химия дар синфҳои 8-9 ба воситаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо истифода аз муодилаҳои диофантии тартиби якум. (Маводҳои конфронси илмии “Таълими тафриқа ва такмили мундариҷаи таҳсилот, ки ба 75 солагии академик Зубайдов З.У. бахшида шудааст.

9.Makhmadaminov, M. Implementation of the teaching of mathematics in chemistry VIII-IX class through solving problems with mathematical content / **M. Makhmadaminov,** G.M. Bobiev, S.G. Bandaev // Proceedings of the 5th European Conference on Innovations in Technical and Natural Sciences. «East West» Association for Advanced Studies and Higher Education GmbH. Vienna. -2014. -P. 239-244.

10. Маҳмадаминов, М. Робитаи химия бо математика ҳангоми ҳалли масъалаҳо / М. Маҳмадаминов, С.Г. Бандаев, Ѓ.М. Бобиев, Т.Е. Гулов // Рес-

публиканская научно-практическая конференция «Исследова-ние дифференцированное обучение» к 80-летию академика Зубайдова Убайда. –Душанбе: АТТ, 2019. - С. 44-50.

11. Маҳмадаминов, М. Методикаи ҳалли масъалаҳои химиявї дар курси химияи органикї / М. Маҳмадаминов, С.Г. Бандаев, Ѓ.М. Бобиев, Т.Е. Гулов // Республиканская научно-практическая конференция «Исследование дифференцированное обучение» к 80-летию академика Зубай-дова Убайда. – Душанбе: АТТ, 2019. - С. 50-52.

12. **Махмадаминов М.,** Ҳалли масъалахои химиявї бо воситаи муодилахои математикї / М. Маҳмадаминов,Бандаев С.Г. Ќурбонова Х.,Рахимова М.// Вестник академии образования Таджикистана (ISSN 2707-9996).–Душанбе, 2021. -№1(10-11). - С. 422-430.

Аннотатсия

Ба автореферат ва рисолаи **Маҳмадаминов Махмадалї Назирович** дар мавзӯи “Асосҳои методии истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми омӯзиши химия ҳамчун воситаи амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ дар синфҳои 8-9”, ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) пешниҳод карда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: муассисаи таҳсилоти умумӣ, таълими химия, робитаи фаннӣ, муодила ва нобаробарӣ, асосҳои методӣ, саводнокии табии илмӣ, майлу рағбати идрокӣ, салоҳиятнокии умумӣ нигаронидашуда.

Объекти таҳқиқот: ҷараёни таҳсилоти ба таълими химия дар мактаби таҳсилоти умумӣ нигаронидашуда.

Мақсад ва вазифахои таҳқиқот: асосноккунии назариявӣ ва санҷиши амалии хусусияти методии истифодаи муодила ва нобаробариҳо ҳангоми омӯзиши химия дар синфҳои 8-9, додани тавсияҳои методӣ оид ба амалигардонии робитаи байни фаннии математика ва химия дар мактаби миёна ва кушода додани роҳҳои асосии такмили ҷараёни таълим бо ёрии робитаҳои байнифаннӣ, мебошад.

Методҳои таҳқиқот: Дар ҷараёни кори илмии гузаронидашуда аз методҳои зерин истифода бурда шудааст; методи назариявӣ (таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ ва химиявӣ оид ба проблемаи таҳқиқшаванда; барномаҳои таҳсилотӣ (таълимӣ), ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, китобҳои дарсӣ ва адабиёти иловагӣ, умумигардонӣ, муқоиса, таҳлил, синтез; шиносоӣ бо таҷрибаи омӯзгорони пешқадам); методҳои эмпирикӣ обсерватсионӣ (мушоҳидаи мустақим ва ғайримустақим); методҳои ташхисӣ (пурсиш, сӯҳбат, анкетаронӣ, озмоиши педагогӣ); методҳои оморӣ (коркарди миқдорӣ ва сифатии нишондодҳо).

Навгонии илмӣ: Сохтори пайдарпайии амалигардонии робитаи байнифаннии математика бо химия аниқ карда шуд; имкониятҳои амалигардонии робитаҳои байнифаннии математика ва химия дар ҷараёни таълими химия дар мактаби миёна ошкор карда шуданд; имконияти истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар дарсҳои химия дар синфҳои 8-9- и макотиби таҳсилоти умумӣ кушода дода шуд; ба мақсад мувофиқ будани истифодаи муодила ва нобаробариҳо дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои химиявии дараҷаи мураккабияшон баланд дар синфҳои 8-9-и мактаби миёна муайян карда шуд; ба таври озмоишӣ самаранокии амалигардонии кейс-метод дар ҷараёни таълими химия дар мактаби таҳсилоти умумӣ санҷида шуд.

Аҳамиятнокии амалӣ: Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашударо барои истифода дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони математика ва химия тавсия намудан мумкин аст; истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар таълими донишҷӯёни факултетҳои химия ва математикаи муассисаҳои олии таҳсилотии педагогӣ; принсип ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро муаллифон ҳангоми тартиб додани китобҳои дарсӣ ва маҷмӯи масъалаҳо аз химия ва математика ва фанҳои дигар дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ истифода карда метавонанд; маводҳои кор кардашуда ба методистон ва омӯзгорони химия дар ҷараёни фаъолияти амалӣ тавсия карда мешаванд.

АННОТАЦИЯ

на автореферат и диссертацию Махмадаминова Махмадали на тему «Методические основы использования уравнений и неравенств при изучении химии как средства реализации межпредметных связей 8-9 клас-

сов», представленной на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.02 - Теория и методика обучения и воспитания (химия)

Ключевые слова: общеобразовательное учреждение, обучение химии, межпредметная связь, уравнения и неравенства, методические основы, естественнонаучная грамотность, познавательный интерес, предметные компетенции, химическое мышление.

Объект исследования: образовательный процесс, направленный на обучение химии в общеобразовательной школе.

Целью диссертационного исследования является теоретическое обоснование и практическая проверка методической особенности использования уравнений и неравенств при обучении химии в 8-9 классах, дать методические рекомендации о реализации межпредметных связей математики и химии в средней школе и раскрыть основные пути совершенствования процесса обучения с помощью межпредметных связей**.**

Методы исследования. В ходе проведенной научной работы использовались методы: *теоретический метод* (анализ научной, методической и химической литературы по исследуемой проблеме; образовательных программ (учебных), нормативных документов, учебники и дополнительная литература; обобщение, сравнение, анализ, синтез; ознакомление с опытом передовых педагогов); *эмпирические методы:* обсервационные (прямое и косвенное наблюдение); диагностические (опрос, беседа, анкетирование, интервьюирование, педагогический эксперимент); *статистические методы* (количественная и качественная обработка данных).

Научная новизна. Уточнена структура последовательности реализаций межпредметной связи математики с химией; *выявлены* возможности реализации межпредметных связей математики и химии в процессе обучения химии в средней школе; *раскрыта* возможности использования уравнений и неравенств в уроках химии 8-9 классах общеобразовательных средних школ; *определена* целесообразность использования уравнений и неравенств в процессе решения химических задач повышенной трудности в 8-9 классах средней школы; *экспериментально проверена* эффективность реализации кейс-метода в процессе обучения химии в средней общеобразовательной школе.

Практическая значимость. Результаты проведённых исследований могут быть рекомендованы к использованию на курсах повышения квалификации учителей математики и химии; применение результатов проведённых исследований в обучении студентов факультетов химии и математики педвузов; основные принципы и выводы исследования могут быть использованы авторами при составлении учебников и сборников задач по химии и математики и других предметов в общеобразовательных школах; разработанные материалы будут рекомендованы методистам и учителям химии и математики средней школе в процессе практичес-кой деятельности.

SUMMARY

on the auto-reformation and the thesis of Mahmoud Makhmadali on the topic "Methodological foundations of using equations and inequalities in the study of chemistry as a means of implementing interprandial ties of grades 8-9," presented

for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the specialty 13.00.02 - theory and methodology of teaching and education (chemistry)

Key words: general education institution, chemistry training, interprandial communication, equations and inequalities, methodological bases, natural science literacy, cognitive interest, subject competencies, chemical thinking.

The object of the study: an educational process aimed at teaching chemistry at a general education school.

The purpose of the dissertation study is theoretical justification and practical verification of the methodological feature of the use of equations and inequalities in the teaching of chemistry in grades 8-9, to give methodological recommendations on the implementation of interprandial connections of mathematics and chemistry in secondary school and to reveal the main ways to improve the process of learning with the help of interprondial connections.

Research methods. In the course of the scientific work carried out, methods were used: theoretical method (analysis of scientific, methodological and chemical literature on the problem under study; Educational programs (educational), normative documents, textbooks and supplementary literature; Generalization, comparison, analysis, synthesis; Familiarization with the experience of advanced teachers); Empirical methods: observational (direct and indirect observation); diagnostic (poll, conversation, questioning, interviewing, pedagogical experiment); Statistical methods (quantitative and qualitative data processing).

Scientific novelty. The structure of the sequence of implementations of the interprandial connection of mathematics with chemistry has been clarified; Identified opportunities to implement interprandial connections of mathematics and chemistry in the process of chemistry education in secondary school; The possibilities of using equations and inequalities in chemistry lessons of grades 8-9 of general education secondary schools are revealed; The feasibility of using equations and inequalities in solving chemical problems of increased difficulty in grades 8-9 of secondary school has been determined; Experimentally tested the efficiency of the case method implementation in the process of chemistry education in secondary general education school.

Practical importance. The results of the studies can be recommended for use in advanced training courses for mathematics and chemistry teachers; Application of the results of the conducted research in the training of students of the Faculty of Chemistry and Mathematics of Pedwuse; The main principles and conclusions of the study can be used by authors in drafting textbooks and task collections on chemistry and mathematics and other subjects in general education schools; The developed materials will be recommended to methodists and teachers of chemistry and mathematics of secondary school in the process of practical activity.

Подписано в печать30.04.2021г.Бумага офсатная
Гарнитура литературная.Печать офсатная
Формат 60х84 $^{1}/_{16}$.Тираж 100экз.

Типография ТГПУ им.С.Айни